**ПРОТОКОЛИ**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**

**аз 28.12.2022 с** **ш. Душанбе**

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

**РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт.

**Роҳбари илмӣ:**

Раҷабов Раҷаб Куҷакович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳои давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Самандаров Искандар Ҳусайнович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

**Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Раис:** Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шӯро, номзади илмҳои иқтисодӣ.,дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

**Котиби илмӣ:** Маълумотномаи Ашуров Носир Амонқуловичро қироат мекунад.

**Раис:** Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Носир Амонқулович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Ашуров Н. А.**:** Баромад мекунад.

**Раис:** Кӣ ба Ашуров Н. А. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., д.и.и., профессор Аҳророва А.Д.., д.и.и., профессор, Исайнов Ҳ.Р д.и.т., дотсент Фохаков А.С.

Ашуров Н. А.**:** Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раис:** Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳои давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ: Раҷабов Р.К.** Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба котиби шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

**Котиби илмӣ:** қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раис:** Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Н. А.**:**, барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Ашуров Н.А.**:,** Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои дар тақризҳои воридшуда ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Самандаров Искандар Ҳусайнович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода мешавад.

**Самандаров И.Ҳ.:** Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Н.А. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Ашуров Н.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода мешавад.

Ашуров Н.А.: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Н.А. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Ашуров Н.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раис:** Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шуро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор, Бобоев О., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., и.в. профессор Хоҷаев П.Д.. баромад намуданд.

**Раис:** Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

**Ашуров Н.А.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

**Раис:** Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ Абдуғаффор, доктори илмҳои техники., дотсент Фохаков Абдурауф Сайдалиевич ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев Парвиз Давронович пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор – 10. Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раис:** Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ Абдуғаффор дода мешавад. Марҳамат!

**Рауфӣ А.: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои шӯрои диссертатсионӣ!** Иҷозат диҳед суратҷаласаи №02 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 28 декабри соли 2022, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ Абдуғаффор, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев Парвиз Давронович, доктори илмҳои техникӣ., дотсент Фохаков Абдурауф Сайдалиевич. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ашуров Носир Амонқулович мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар, номзади илм 1 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда 1 адад, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ашуров Носир Амонқулович чунин аст. Тарафдор - 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

**Раис:** Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор - 10, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмӯъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

**Аъзоёни шӯро:** Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

**Раис:** Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз рӯи диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович., мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович эълон кунам.

## ҚАРОРИ
## Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 28 декабри соли 2022, № 02. ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа» (дар асоси маводи

вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт, тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳои давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Раҷаб Кучакович тақризи муассисаи пешбар - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои милли Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Самандаров Искандар Ҳусайнович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, **Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор, Бобоев О., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., и.в. профессор Хоҷаев П.Д. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

**1.** Диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

**3.** Ба Ашуров Носир Амонқулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

**4**. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ашуров Носир Амонқулович бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Ки тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и. , дотсент** **Ашурзода А.Н.**

**28.12.2022с.**

Мухри муассиса

# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илм

Парвандаи аттестатсионии №1

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 28.12.2022, № 1

Барои сазовор донистани Ашуров Носир Амонқулович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт).

Диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) ба ҳимоя 19-уми октябри соли 2022 қабул карда шуд, суратмаҷлиси № 2 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10а), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ашуров Носир Амонқулович соли 07.10.1985, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Бохтар (Кушониён) таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2011 ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) ба факултети техникӣ ва технологӣ ҳуҷҷатҳоро супорида, донишгоҳи номбурдаро соли 2016 бо ихтисоси 1-440101 -

«Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ» бо касби муҳандис-менеҷер хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Раҷабов Раҷаб Кӯчакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1.Самандаров Искандар Ҳусейнович** - доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

**2. Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шаҳри Душанбе).

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти инфрасохторӣ, суратҷаласаи № 11 аз 22.11.2022 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири шуъба, номзади илмҳои иқтисодӣ, Бобоев К.О., эксперт – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъба Шералиев А.А. ва котиби ҷаласа Мирзоева Ҷ.П. имзо шуда, аз тарафи директори институти зикршуда, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ш. Раҳимзода санаи 25.11.2022 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04-иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04-иқтисодиёти нақлиёт) ҳамчун кори илми таҳқиқотии мустақил ва ба анҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ашуров Носир Амонкулович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба иқтисодиёти нақлиёт, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда, дорад:

[1-М]. Ашуров, Н.А. Баҳодиҳии ҳолати ҳозира ва тамоюли рушди боркашонӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2019. – 1/3(65). – С. 282-288. – ISSN 2663-5534.

[2-М]. Ашуров, Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

[3-М]. Ашуров, Н.А. Асосҳои назариявӣ, моҳият ва аҳамияти логистикаи нақлиётӣ дар иқтисодиёт [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми ДДБ ба

номи Носири Хусрав. – 2020. – 1/4(80). Қисми 2. – С. 221-226. – ISSN 2663-5534.

[4-М]. Ашуров, Н.А. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи иқтисоди минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №9. – С. 243-249. – ISSN 2413-5151.

[5-М]. Ашуров, Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

[6-М]. Ашуров, Н.А. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ [Матн] / Н.А. Ашуров // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3 (011). – С. 94-100. – ISSN 2076-2569.

[7-М]. Ашуров, Н.А. Транспортно-логистическая инфраструктура – основа развития внешэкономической деятелности региона [Матн] / Н.А. Ашуров, М.Х. Холназаров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №4(261). – С. 112-115. – ISSN 2076-2569.

[8-М]. Ашуров, Н.А. Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ: меъёрҳои баҳогузорӣ, мушкилот ва дурнамо барои рушд [Матн] / Н.А. Ашуров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №1 (262). – С. 114-117. – ISSN 2076-2569.

[9-М]. Ашуров, Н.А. Таҳлили ҳолат ва рушди роҳҳои автомобилгард ва нақлиёти автомобилӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021. – №1-3(89). – С. 213-220. – ISSN 2663-5534.

[10-М]. Ашуров, Н.А. Таҳлили ҳамлу нақли мусофирбарӣ ва боркашонӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми ДМТ. – 2021. – №4. – С. 117-129. – ISSN 2413-5151.

[11-М]. Ашуров, Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. Қисми 2.– С. 54-61. – ISSN 2413-5151.

[12-М]. Ашуров, Н.А., Раҷабов, Р.К. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [Матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

[13-М]. Ашуров, Н.А. Инвестиционное обеспечение развития региональной транспортно-логистической инфраструктуры [Текст] / Н.А. Ашуров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2 (263). – С. 79-85. – ISSN 2076-2569.

[14-М]. Ашуров, Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

[15-М]. Ашуров Н.А., Раҷабов, Р.К. Экономико-математическое моделирование развития и размещения транспортно-логистической инфраструктуры [Текст] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/4 (92). – С. 216-222. – ISSN 2663-5534.

[16-М]. Ашуров, Н.А. Ташаккул ва рушди корхонаҳои нақлиётӣ, заминаи боэътимоди саноатикунонии мамлакат [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2022 – №1/1(95). – С. 235-240. – ISSN 2663-5534.

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[17-М]. Ашуров, Н.А. Баҳодиҳии ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / Н.А. Ашуров / Материалы международной научно-практической конференции, МЭиВРРТ Институт энергетики Таджикистан. – Кушониён, 2019. С. 513-518.

[18-М]. Ашуров Н.А., Раҷабов, Р.К. Такмили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон дар шароити муосир [Матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Илмҳои

техникӣ ва таҳсилоти муҳандисӣ барои рушди устувор». Қисми 1, ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2021. С. 96-100.

[19-М]. Ашуров Н.А., Раҷабов, Р.К. Самтҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон [Матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров / Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии VII илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Илм–асоси рушди иноватсия» ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2022. С. 320-323.

[20-М]. Ашуров Н.А. Инфрасохтори логистикӣ ва манфиати он [Матн] / Н.А. Ашуров / Нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. – №10 (3369), 8.02.2022. – С. 3.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Шамсов И.С.** – д.и.и., профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Дар рисола хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ба тариқи пурра мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аммо роҳҳои ҳалли баъзе масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа пешниҳод нашудааст.

2. Дар автореферат на ҳама паҳлӯҳои дастгирии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**2. Саломзода Р.С.-**н.и.т., директори Муассисаи Давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат баъзе нуқсонҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасад.

2. Оид ба мафҳум ва тавсифи нақлиёт, логистика, инфрасохтор ва минтақа андешаи муаллиф ба пуррагӣ баён мешуд, боз ҳам сифати корро беҳтар мекард.

**3. Ҷумъаев Б.М. -** д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферат натиҷаҳои таҳлили фаъолияти терминалҳои логистикӣ ба пуррагӣ оварда нашудааст.

2. Муаллиф дар бандҳои алоҳида самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро пешниҳод намудааст, аммо шарҳи муфассали он оварда нашудааст.

4. **Комилов С.Ҷ**. д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи Тоҷикистону Россия (славянӣ) чунин эродҳоро пешниҳод намудааст:

1. Дар навгонии 3-юми дар автореферат овардашуда, омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он муайян карда шудааст. Аммо, дар матни автореферат мушахассоти чунин омилҳои таъсирбахш ба таври зарур аниқ нагардидааст;

2. Инчунин на ҳама имкониятҳо ҷиҳати сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

**5. Ҷурахонзода С.** н.и.и., муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Дар рисола ба омӯзиши омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он дар минтақа аҳамияти назаррас дода шудааст. Мутаассифона, дар автореферат таъсири омилҳо ба ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба пуррагӣ баҳо дода нашудааст;

2. Инчунин дар автореферат на ҳамаи манбаъҳо ҷиҳати дастгирии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон нишон дода шуда, самаранокии онҳо ҳисоб карда шудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо характери тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа дар шароити муосир аниқ карда шуда, таъсири баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётию логистикӣ ба иқтисодиёти минтақа коркард карда шудааст;

- усулҳои гуногуни диалектикӣ оид ба мавзуи тадқиқотшаванда, ки омузиши моҳият ва қонуниятҳои падидаҳои иқтисодӣ таъмин карда метавонад, аз қабили усулҳои таҳлили системавӣ, иқтисодӣ ва оморӣ, муқоисавӣ, сохторӣ-логистикӣ, ҷадвалӣ, инчунин усулҳои амсиласозии иқтисодию риёзӣ, пешгӯӣ ва ҳалли масъалаҳои муносиб асос ёфтааст;

- омилҳо таъсирбахш ва масоили асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии муқаррар гардида, амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии субъектҳои он пешниҳод шудааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 бо назардошти баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётию логистикӣ ва дастгирии сармоягузорӣ асоснок гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

– асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа бо дарназардошти нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ;

– мушаххас гардонидани хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ;

– баҳодиҳии ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон ва муайян намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он;

– пешниҳоди амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон;

– муайян ва асоснок кардани стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа, ҳамзамон пешниҳоди дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити муосири вилояти Хатлон;

– таҳия ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 иҷро карда шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии Бохтар татбиқ гардидаанд;

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа асос ёфтааст**;**

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ – логистикии минтақа мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар, ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои

таълимӣ аз рӯи фанҳои “Иқтисодиёти минтақа”, “Логистикаи нақлиёт”, “Бозори хизматрасонии нақлиётӣ”, “Мусофиркашонӣ”, “Ташкили ҳамлу нақли автомобилии борҳо” барои донишҷӯёни ихтисосҳои ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 20 кори илмӣ, аз он ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, тӯли солҳои 2018-2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза шудаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 28 декабри соли 2022 қарори сазовор донистани Ашуров Носир Амонкулович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, буллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и. , дотсент** **Ашурзода А.Н.**

Санаи барасмиятдароии хулоса **28 декабри соли 2022**

Мӯҳри муассиса



# ҚАРОРИ
## Ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

аз 28 декабри соли 2022, №01. ш. Душанбе

Диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт), пешниҳод ва шунида шуда, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Вобаста ба тақризи роҳбари илмӣ Раҷабов Раҷаб Кӯчакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ Самандаров Искандар Ҳусайнович - доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович - номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва баромадҳои муқарризҳои ғайрирасмӣ: д.и.и., професор Бобоев О., д.и.и., професор Рауфӣ А. ва д.и.и. и.в. профессор Хоҷаев П.Д Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович.

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 –Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳодшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

**3.** Ашуров Носир Амонқулович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сарфароз гардонида шавад.

**4**. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ашуров Носир Амонқуловичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и. , дотсент** **Ашурзода А.Н.**

**28 декабри соли 2022**

Муҳри муассиса